# ИНКИШОФИ МАҲОРАТИ КАСБИИ МУАЛЛИМ ДАР ЗАМОНИ ҲОЗИРА

**Институти педагогии давлатии Тирмиз**
**Роҳбари илмӣ: муаллимаи калон Ниёзова С.**
**Донишҷӯи бахши 4-гурӯҳи 21-11 факултети томактабӣ ва таълими ибтидоӣ Норова Моҳиситора**

**Аннотатсия:** Дар мақолаи зерин дар бораи пайдоиши касби муаллим, сохти таълиму тарбия, ислоҳотҳои дар соҳаи муаллими бурдаистода, масъалаҳои тайёр намудани муаллимони ҷавон, тарбия намудани шахс ва қобилиятҳои муаллим сухан меравад.

**Калид вочаҳо:** муаллим , тарбия, қобилият, мадинияти нутқ, тадқиқотҳои илмӣ, сиёсати устувори давлатӣ, ташаббускорӣ муаллими ҷавон, мулоқот фаъолияти ҷавонон, маҳорат.

Сохти таълиму тарбияро аз нав ислоҳ намудан, онро ба дараҷаи талаби замон бардоштан, барпо намудани сохти корҳои миллӣ, барои оянда тарбия намудани авлоди солими ба камолот расида, бо мақсади насли босалоҳиятро тарбия намудан: Қонуни «Дар бораи таълим» ва Тайёр намудани кадрҳои миллӣ, корҳои ба ҳаёт татбиқ намудани қонунҳо сиёсати устувори давлатӣ ҳисоб карда шавад. Солҳои истиқлол ба ҷараёни таълиму тарбия ва тайёр намудани кадрҳо дар кишварамон эътибори алоҳида дода мешавад. Дар ин бора чандин қарору фармон ва фамоишҳои ҳукумат ба имзо расиданд. Дар аз нав ислоҳ кардани соҳа чун дигар ҷабҳаҳо корҳои назаррас ба амал бароварда шуданд. Ислоҳотҳои дар тамоми соҳаҳо бурдашударо бе ғояҳои нав, соҳиби дониши замонавӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Масаъалаи тайёр намудани кадрҳо аз ҳама аввал ба зиммаи муаллимон ва мураббиён гузошта мешавад. Аз ин сабаб, ба дониши мукаммал соҳиб будани муаллимони замонавӣ ҳамчун воситаи асосии тараққиёт дониста мешавад. Муаллимони мо ҳамчун ва дониши мувофиқи талаби замон буда, ба мазмуни таълими нав мусаллаҳ бояд бошанд, ва мунтазам ривоҷ додани маҳорати касбии худи ходимони маориф шарт аст. Ба амалиёт татбиқ шудани ғояҳои дар «Дастури миллии тайёркунии кадрҳо» нишон додашуда ба ислоҳотҳои дар соҳаи мазкур шудаистода мувофиқ буда, тайёр намудани муаллим, тарбиячиён ба маънавият ва маҳорати устодон вобаста аст.

Тарбия намудани шахс фаъолият ва ҷараёни ниҳоят мураккаб буда, аз замонҳои қадим диққати шахсони бузургро ба худ ҷалб намудааст. Аз ин ҷост,

ки тарбия намудани насли наврас, ташаккул додани он, на танҳо ба камолоти шахс, балки дар тараққиёти ҷамъият аҳамияти калон дорад. Дар Республикаи Ўзбекистон ба симои маънавии муаллимон, салоҳияти ақлии онҳо ва маҳорати касбӣ талабҳои ҷиддӣ гузошта шудаанд. Чунончи дар ин бора нахустин Президенти Республикаи Ўзбекистон И.А.Каримов чунин қайд намудааст: «Тарбия кунанда барои устод шудан ақл ва идроки дигаронро такмил диҳад, аз нури маърифат баҳраманд намуда, ватанпарвари ҳақиқӣ, шаҳрванди боиродаро тарбия кунад, пеш аз ҳама, худи тарбиякунанда ба ҳамин гуна хислатҳои наҷиб ҷавоб дода тавонад ва ба онҳо соҳиб бояд бошад».

Аз фикрҳои дар боло зикргардида ҳар як шахс дарк менамояд, ки дар назди муаллими имрӯза чи гуна талабҳо гузошта шудааст. Муаллими замонавӣ чӣ гуна бояд бошад? Аз рӯзҳои нахустини истиқлолият педагогҳо, психологҳо ва олимон дар ин бора бо фикру мулоҳизаҳои худ баромад карданд. Дар айни замон дар бораи ин муаммо ҷустуҷӯйҳо ва тадқиқотҳои илмӣ давом дода истодааст. Дар асри XXI вазифаи муаллим боз ҳам ривоҷ ёфта, дар замони дигаргуниҳои глобалӣ, тараққиёти фан ва техника, ахбори коммуникатсионии рӯз аз рӯз ривоҷёбанда аз муаллим маҳорати баланд, иродаи мустаҳкам, қувваи психологӣ, ҷустуҷӯйҳои бардавом ва мулоҳизакор будан талаб мекунад:

1.Муаллим пеш аз ҳамма ҳискунандаи масъулияти тарбиячигӣ,нотиқи ботаҷриба, тарғибкунандаи маданият ва маърифат аст.

2. Муаллим бояд  шогирдонро дӯст дорад, меҳри худ, ҳиссиёти худро ба хонанда вобаста карда тавонад, ба меҳр ва муҳаббати онҳо сазовор бояд шавад.

3. Муаллим моҳияти дигаргуниҳои ҷамъият, моҳияти дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ислоҳотҳоро бо иродаи қавӣ ба хонандагон фаҳмонда тавонад.

4. Аз муаллими замонавӣ хабардор будан аз дастовардҳои илму фан, техника, ахбори коммуникасионӣ, навигариҳои техникӣ талаб карда мешавад.

5. Муаллим доир ба соҳаи худ ба дониши мукаммал соҳиб буда, интегратсияҳои ҳамаи фанҳоро азхуд намуда, дар соҳаи худ мунтазам корҳои илмӣ гирифта бурданаш лозим.

6. Муаллим асосҳои фанни педагогика ва психологияро хуб донистa, дар асоси синну сол психологияи хонандагонро ба инобат гирифта, фаъолияти таълиму тарбияро ташкил диҳад.

7. Муаллим дар фаъолияти педагогии худ шаклҳои навтарин ва замонавии таълиму тарбияро ба кор бояд барад.

8. Муаллим ба таълиму тарбия, ташаббускорӣ, эчодкории ҷавонон ҷавобгар мебошад.

9. Муаллим ҳангоми ҷараёни касбии маҳорати педагогӣ, лаёқати коммуникативӣ, техникаи педагогӣ (нутқ, рӯй, даст пой, ҳаракати қомат, мимика, пантомимика, роҳ, метод) ва қоидаҳои онро бояд донад.

10. Муаллим бояд соҳиби маданияти нутқ бошад, нутқи он чунин хусусиятҳоро дар худ акс карда тавонад: аз шеваҳои гуногун холӣ будан, танҳо ба забони адабӣ сухан рондан, нутқи муаллим бояд содда, равон ва фаҳмо бошад; суханҳои пурҳикмат, ибора ва мақолҳо, афсона ва суханҳои айнан нақлшударо дар вақташ кор фармуда тавонад, жаргон (суханони касбҳои алоҳида ё дигар мутахассисон), варваризм (забони як миллати дигар, хоси забони дигаронро ноҷӯя кор фармуданаш), вулгаризм (суханони қабех, дашном, ҳақорат) ва конселяризм (дар вақти лозим набудан аз забони расмӣ кор фармудан) аз суханони ғайримақбул холӣ буданаш лозим.

Муаллим набояд фаромӯш кунад, ки ҳангоми мулоқот бо хонандагон, ҳамкасбон, падару модарон фикри худро аниқ, фаҳмо баён намуданаш мувофиқи мақсад аст. Ҳангоми бо онҳо мулоқот намудан суханҳои ба ҳолати ногувор оварандаро кор нафармояд, баръакс бо хонандагон (ҳамкасбон, падару модарон) суханони муваффақиятҳоро эътироф мекардагӣ, манбаи дониши онҳоро зиёд мекардагӣ кор фармуданаш лозим. Ҳангоми мулоқот ва сӯҳбатҳо нисбат ба онҳо хайрхоҳ, самимӣ, мулоқоти дӯстона дошта бошад. Намуди зоҳирии муаллим, ки ба чунин хислатҳо соҳиб аст, дар байни хонандагон, ҳамкасбон ва падару модарон обрӯи ӯро афзун мегардонад. Дар давраи ҳозира нисбат ба касби муаллимӣ талаб рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст ва ин талабҳоро ба амал баровардан ба муаллим вобаста аст.

Муаллим ҳамчун тарбиятгар талабҳои зеринро бояд амалӣ гардонад:баробари мукаммал донистани касби худ, аз илмҳои гуногун хабардор бояд бошад; психология, педагогика, физиологияи ҷавонон, методикаи корҳои тарбиявӣ, гигиенаи мактаб ва донишҳои оид ба касби худро мукаммал донистани муаллимони ҷавон;

- доир ба касби худ аз навигариҳои дар олам ба вуҷуд омада,тарбияи технологӣ, компютер ва технологияи ахборӣ аз навгониҳо хабардор бошад;
- бо малакаю методикаи таълиму тарбия маҳорати худро зиёд намояд.
- ба касби худ эҷодкорона муносибат доштан:
- ба техникаи педагогӣ(мантиқ, нутқ,ифодаи воситаҳои таълими нутқ) ва назокати педагогӣ соҳиб будан;

- дониш ва махорати педагогии худро мунтазам афзудан. Барои бо муваффақият кор кардан ҳар як муаллим ба маҳорат соҳиб буданаш зарур аст. Қонуни асосии меҳнати педагогӣ кам меҳнат сарф карда ба дастовардҳои бузург ноил гардидан аст. Омӯзгор ҳамеша бо корҳои эҷодӣ машғул бояд бошад. Ба фаъолияти педагогӣ руҷӯъкунанда, боқобилият ва шахси боистеъдод маҳорати педагогиро такмил дода тавонад.

Фаъолияти педагогӣ бо моҳияти худ хусусияти эҷодкорона дорад. Муаллим шахсияти хонандаро ташаккул медиҳад, дар вақтҳои зарурӣ қарорҳои мустақилона мебарорад, муаммоҳои педагогиро ҳал менамояд, ҷараёни таълимро бомаҳорат идора мекунад. Ҳамаи ин ба корҳои эҷодӣ, моҳият, мақсад ва характери он вобаста аст. Муаллими таҷрибанок танҳо барои ба муваффақият роҳнамун сохтани хонандагон, бо омӯхтани маҳорати муаллими пешқадам банд нашуда, бо корҳои тадқиқотӣ ва афзудани малакаи худ бояд кӯшиш намояд.

Муаллими замони ҳозира аз тараққиёти техникӣ бояд бохабар бошад. Аз муаллими ояндаи ҷамъият умеди калон дорад. Аз ин бармеояд, ки эътиқоди дурусти муаллим ба ояндаи аҳли ҷомеаро ба ояндаи дурахшон ҳидоят менамояд. Дар фаъолияти омӯзгори бевосита сиёсати Ҳукумати Ӯзбекистон оиди маориф, илм ва фарҳанг таҷҷассум меёбад. Муаллим аввалин шахсе мебошад, ки сиёсати ҳукуматро дуруст фаҳмида байни халқ ташфиқоти дуруст мебарад. Дуруст таълиму тарбияи шогирдон қарзи шаҳрвандии муаллим мебошад ва барои мафҳуми савод дониш ва одобу ахлоқ муаллим дар назди волидайн ва ҷамъият ҷавобгӯ кори тарбиявиеро, ки ба ӯ супорида шудааст, дар синф ба ҷо меорад. Вай дар иҷрои ин вазифа танҳо нест, бо муаллимони фанҳои гуногун, ки дар синф дарс медиҳанд, дар талабагон асосҳои ҷаҳонбинии миллиро ташаккул медиҳанд ва тарбияи ахлоқии онҳоро инкишоф медиҳанд, зич кор мекунад ва ба онхо такя мекунад. Барои хонандагон машғулиятҳои беруназсинфӣ ташкил намуда, коллективи синфҳоро мустаҳкам менамояд. Вазифаи махсуси роҳбари синф аз он иборат аст, ки хонандаро ба сӯи касбу ҳунар раҳнамоӣ карда, мақсадҳои ҳаётии ӯро бо назардошти хусусиятҳои психологии фардиаш ташаккул диҳад. Дар баробари ин ба мустаҳкам намудани саломатии ҳар як талаба низ диққати калон медиҳад

**Хулоса**

Муаллим дар мазмуни фаъолияти тарбиячигии худ мувофиқи мақсад ва вазифаҳои ба пеш гузошта рафтор мекунад, азхуд намудани донишҳои лозимӣ аз тарафи хонандагон, малака ва одат, дар сифат ва талаботҳо акс мегардад. Муаллим мазмуни тарбияро аз моҳияти талаботҳои ба пеш гузоштаи шаклгирии

шахс баромада, тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, моҳияти муносибатҳои шахсӣ ва дарачаи он, инчунин дар асоси ғояҳои мафкураи ҷамъият намоён мекунад. Ғайр аз ин фаъолияти тарбиявӣ аввало, ба маҳорати педагогии муаллим, ба ташкилотчии моҳир будани ӯ ҳам вобаста аст. Маҳорати тарбиячигии муаллим - ба дунёи хонандагон даромадан, муҳаббати онҳо сазовор гаштан ва фаъолияти педагогии худро дар муассисаҳои таълимӣ дурусту ба як мақсад равона кардани он намоён мешавад. Маҳорати тарбиячигии муаллим ин малакаи аз ҳар ҷиҳат дуруст ва вазъиятҳои педагогиро дуруст ташкил кардани хонандагони мактаб аст. Маҳорати тарбиягарии муаллим ин муносибатҳои муаллим хонандаро дар як вақт ба зудӣ мусбӣ ҳал кардан нест, балки ба ҷамоаи хонандагон ва шахсони алоҳида таъсири тарбиявӣ расонидан буда, дар ҷамоа муҳити тарбиявиро дар як маром ташкил кардан мебошад

**АДАБИЁТҲО:**

1. Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича Ҳаракатлар стратегияси. Ўзбекистон Республикаси Президентининг фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 йил, 6-сон,70-модда.

Мухтарова, Л. А. (2017). BOSHLANG'ICH TA ‘LIM SAMARADORLIGINI OSHIRISHDA INNOVATSION TA'LIM TEXNOLOGIYALARINING O‘RNI. In НАУЧНЫЙ ПОИСК В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ (pp. 119-120).

1. Мухтарова, Л. А. (2018). Развитие творческого мышления у школьников начальных классов. *Гуманитарный трактат*, (24), 9-10.

2. Мухтарова, Л. А. (2018). Развитие И Формирования Критического Мышления У Школьников Начальных Классах. Гуманитарный трактат, (24), 13-14.

3. Kulmuminov, U., & Mukhtarova, L. (2023). POSSIBILITIES OF CREATIVE THINKING AND ITS MANIFESTATION IN THE EDUCATIONAL PROCESS. Open Access Repository, 4(02), 81-84.

4. Mukhtarova Lobar Abdimannabovna, & Saidakhmatova Nafisa Soatmurod kizi. (2023). DEVELOPMENT OF READING UNDERSTANDING SKILLS IN PRIMARY SCHOOL STUDENTS. Academia Science Repository, 4(04), 18–22.

5. Nafisa Saidakhmatova, & Lobar Mukhtarova. (2023). THE SIGNIFICANCE OF A ARTWORK IN THE FORMATION OF LEARNING SKILLS. Academia Science Repository, 4(04), 176–180.

6. Pardayeva Gulbahor Jalgashevna, & Mukhtarova Lobar Abdimannabovna. (2023). PEDAGOGICAL POSSIBILITIES OF TEACHING NATURAL SCIENCES BASED ON STEAM TECHNOLOGY. World Bulletin of Social Sciences, 21, 109-111.

7. Feruza RAKHMONOVA, & Lobar MUKHTAROVA. (2023). THE ROLE AND SIGNIFICANCE OF FORMING A CULTURE OF READING IN PRIMARY EDUCATION. European Scholar Journal, 4(3), 5-7.
8. Мухтарова, Л. А. (2017). BOSHLANG’ICH SINFLARDA RIVOJLANTIRUVCHI TA’LIM TEXNOLOGIYASIDAN FOYDALANISH IMKONIYATLARI. *Апробация*, (2), 93-94.
9. Qulmo'minov O'rolboy, & Suyundikova Muslima. (2025). BOSHLANG'ICH SINFLARDA TABIIY FANLARNI MEDIA TA'LIM VOSITALARI ASOSIDA O'QITISH METODIKASI. ZAMONAVIY DUNYODA FANNING O‘RNI VA AHAMIYATI BO‘YICHA KONFERENSIYA, 2(1), 11–16.
10.Qulmuminov, O. R., & Suyundikova, M. (2025). STEAM FANLARI VA ULARNING ZAMONAVIY TA’LIMDAGI AHAMIYATI. *PROBLEMS AND SOLUTIONS OF SCIENTIFIC AND INNOVATIVE RESEARCH*, *2*(1), 8-14.
11.Qulmuminov, O. R., & Suyundikova, M. (2025). ONA TILI DARSLARI ORQALI O ‘QUVCHILARNING KREATIVLIK SIFATLARINI RIVOJLANTIRISH YO ‘LLARI. *PROBLEMS AND SOLUTIONS OF SCIENTIFIC AND INNOVATIVE RESEARCH*, *2*(1), 15-20.
12.Safar o'g, Q. O. R. MODELLASHTIRISH ONA TILI O'QITISH TIZIMIDA YANGICHA YONDASHUV.